Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 129 (4549) | ЧОРШАНБЕ, 19 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ҲАМКОРИИ СОЗАНДАИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ - РОҲИ АСОСИИ МУБОРИЗАИ САМАРАНОК БАРОИ РАФЪИ ТЕРРОРИЗМ

**Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон»**

**шаҳри Душанбе, 18 октябри соли 2022**

**Муҳтарам муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид!**

**Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо камоли хушнудӣ ҳузури ҳамаи шуморо дар сарзамини Тоҷикистон барои иштирок дар ин конфронси муҳими байналмилалӣ, ки ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир бахшида шудааст, хайрамақдам мегӯям.

Ҳамоиши имрӯзаи мо сеюмин чорабинии сатҳи баланд аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Қатар, Арабистони Саудӣ ва дигар шарикони байналмилалӣ дар доираи «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» баргузор мегардад.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба роҳбарияти созмонҳои зикршуда ва кишварҳои шарик барои дастгирӣ дар раванди тадорукот ва баргузории конфронс миннатдорӣ баён менамоям.

Умед дорам, ки зимни ин ҳамоиш масъалаҳои таъмини амният, мудирияти сарҳад ва муқовимати муассир ба ифротгароиву терроризм, бахусус пешгирии таҳарруки террористон тавассути сарҳадҳо ҳамаҷониба баррасӣ гардида, аз натиҷаи он қарорҳои мушаххас қабул карда мешаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ба ҳамагон возеҳ аст, ки тайи солҳои охир доираи хатару таҳдидҳои аз терроризму ифротгароӣ бароянда мунтазам васеъ гардида, ин зуҳуроти харобиовар боиси оқибатҳои даҳшатбор мегарданд ва фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористиву ифротгаро хусусияти афзояндаи фаромарзиву фаромиллӣ касб менамоянд.

Гузашта аз ин, паҳншавии босуръати бемории сироятии COVID-19 дар зарфи зиёда аз ду соли охир ва пайомадҳои он ҷараёни муқовимат бо ин таҳдидҳоро боз ҳам мушкил гардонида, раванди татбиқи Рӯзномаи 2030 ва дастёбӣ ба ҳадафҳои рушди устувори онро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон халалдор сохт.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО СТАНИСЛАВ ЗАС

**18 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» бо Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ Станислав Зас мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, вазифаҳои имрӯзаи созмон, инчунин мавзӯъҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъиро омили муҳими таъмини амният ва суботи минтақа арзёбӣ карданд.

Ҷонибҳо оид ба вазъи душвори низомиву сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон табодули андеша намуда, мустаҳкам кардани иқтидори ҳифзи сарҳади байни Тоҷикистон ва Афғонистонро зарур шумориданд.

Дар вохӯрӣ дигар масъалаҳои ҷорӣ, аз ҷумла омодагӣ ба баргузории мулоқоти навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ низ баррасӣ гардид.



## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**18 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кори Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар он намояндагони воломақоми расмии кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, ниҳодҳои Паймони ҷаҳонии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони соҳаи таъмини бехатарии сарҳадот иштирок карда, роҳҳои таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад барои муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳоро баррасӣ карданд.

Конфронс дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо ва дигар шарикони байналмилалӣ баргузор шуда, он идомаи мантиқии «Раванди Душанбе» мебошад, ки моҳи майи соли 2018 зимни аввалин конфронси минтақавии Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид якҷо бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Чорабиниро муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, роҳбари Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид Владимир Воронков ифтитоҳ кард.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ роҳбарони ҳайатҳои бонуфузи кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳоро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки зимни ин ҳамоиш масъалаҳои таъмини амният, мудирияти сарҳад ва муқовимати муассир ба ифротгароиву терроризм, бахусус пешгирии таҳарруки террористон тавассути сарҳадҳо, ҳамаҷониба баррасӣ гардида, аз натиҷаи он қарорҳои мушаххас қабул карда мешаванд.

Таъкид гардид, ки тайи солҳои охир доираи хатару таҳдидҳои аз терроризму ифротгароӣ бароянда мунтазам васеъ гардида, ин зуҳуроти харобиовар боиси оқибатҳои даҳшатбор мегардад ва фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористиву ифротгаро хусусияти афзояндаи фаромарзиву фаромиллӣ касб менамояд.

Президенти мамлакат изҳор доштанд, ки Тоҷикистон дар хатти аввали мубориза бо хатари ифротгароиву терроризм қарор дошта, на танҳо минтақа, балки қаламравҳои фаротар аз онро аз оқибатҳои фалокатбори ин зуҳурот ҳимоя мекунад.

Ҳукумати Тоҷикистон, бо назардошти вазъи мураккаби минтақа, ба таҳкими доимии ҳифзи сарҳади давлатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои пешгирӣ кардани интиқоли фаросарҳадии ҷангҷӯёни террорист, қочоқи моводи нашъаовар, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Бахусус, ба мақсади такмил додани раванди муҳофизати сарҳади давлатӣ ҳанӯз соли 2010 «Стратегияи миллии идора намудани сарҳад» ва нақшаи амали онро доир ба ислоҳоти низоми таъмини амнияти сарҳад барои давраи то соли 2025 бо мусоидати шарикони байналмилалӣ қабул намуд.

Барои таъмин намудани амнияти минтақа ва ҷаҳон ба таври мунтазам пешгирӣ кардани чунин раванд ва оқибатҳои фоҷиабори он аз ҷумлаи иқдомоти шадидан зарур диониста мешаванд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки мо умед дорем, ки кишварҳои ҷаҳон дар ҳамбастагӣ муқовимати муассирро бар зидди ин зуҳуроти номатлуб роҳандозӣ мекунанд ва дар роҳи пешгирӣ кардани таҳарруки террористҳо, интиқоли онҳо аз як минтақа ба минтақаи дигар, дарку фаҳмиши омилҳои таҳрикдиҳандаи терроризм, инчунин таҳияи мавқеи ягона нисбат ба мафҳумҳои ифротгароӣ ва терроризм комёб мегарданд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба кори конфронс барору комёбӣ ва натиҷаҳои неку назаррасро орзу карда, изҳори итминон намуданд, ки кишварҳо ва созмонҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, дониш ва таҳкими иқтидори давлатҳо дар мубориза бо терроризм мувофиқи механизмҳои мавҷуда ҳамкории зичро ба роҳ мемонанд.

Сипас, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш ва Дабири кулли Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо хонум Хелга Шмид бо навори видеоӣ ба иштирокчиёни чорабинӣ муроҷиат карда, ба кори конфронс барору комёбӣ орзу намуданд.

Кори Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» дар бахшҳои алоҳида идома ёфта, интизор меравад, ки аз рӯи натиҷаи он «Эъломияи Душанбе оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо» қабул гардад.

**www.president.tj**

## ВОХӮРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО МОҶИД АЛ-ҚАҲТОНӢ



**18 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» бо фиристодаи вижаи Давлати Қатар оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм ва миёнҷигарӣ дар ҳалли низоъҳои Вазорати корҳои хориҷии Давлати Қатар Моҷид Ал-Қаҳтонӣ мулоқот карданд.**

Зимни он маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистон ва Давлати Қатар мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи муносибатҳои ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Давлати Қатар, ки раванди устувор касб намудааст, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои робитаҳои ҳамкории ҳар ду кишварро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ баррасӣ намуданд.

Оид ба ҳамкории босамари кишварҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, Созмони ҳамкории исломӣ, Муколамаи ҳамкории Осиё, Созмони исломӣ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг низ табодули андеша карда шуд.

Зимни баррасии масоили таъмини амният дар минтақаву ҷаҳон ва вазъи кишвари ба мо ҳамсояи Афғонистон ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати ҳамкорӣ дар самти таҳкими мубориза бар зидди таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии силоҳ ва моводи нашъаовар, киберҷинояткорӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ изҳор карданд.

Дар рафти мулоқот оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ низ гуфтугӯ сурат гирифт.

## ГУФТУГӮИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ВЛАДИМИР ВОРОНКОВ

**18 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» бо муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, роҳбари Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид Владимир Воронков мулоқот карданд.**



Дар рафти мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, инчунин, натиҷаҳои кори конфронси сатҳи баланди мубориза бо терроризм мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед карданд, ки натиҷаҳои «Раванди Душанбе», ки самараи иқдоми муштараки Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид аст, минбаъд низ ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо хатару таҳдидҳои афзояндаи терроризм ва ифротгароӣ хизмат хоҳад кард.

Ҷонибҳо зимни мулоқот вобаста ба афзоиши таҳдидҳо ба амнияти минтақа, аз ҷумла густариши терроризм, экстремизм, тундгароии динӣ, гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар ва силоҳ, инчунин дигар навъи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, андешидани тадбирҳои мушаххасро ба мақсад мувофиқ шумориданд.

**www.president.tj**

Садои мардум

19 октябри соли 2022 № 129 (4549)

# ҲАМКОРИИ СОЗАНДАИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ - РОҲИ АСОСИИ МУБОРИЗАИ САМАРАНОК БАРОИ РАФЪИ ТЕРРОРИЗМ

**Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон»**

**шаҳри Душанбе, 18 октябри соли 2022**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Гурӯҳҳои террористӣ аз чунин вазъи баамаломада суистифода карда, фаъолияти ифротгароӣ, ҷалби бештари ҷавонон ба он, ташвиқ ва анҷом додани ҳамлаҳои террористӣ, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро густариш мебахшанд.

Боиси таассуф аст, ки бидуни дарки ҳадафҳои аслии созмону гурӯҳҳои ифротиву террористӣ баъзе воситаҳои ахбори омма барои роҳбарони онҳо минбар ё дигар имконоти ибрози матлабро фароҳам меоранд.

Ин гуна рӯйкардҳо, ба назари мо, ғайрисозанда буда, гурӯҳҳои носолимро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таблиғу ташвиқ менамоянд.

Ҳамчунин, қобили тазаккур аст, ки имрӯз созмону гурӯҳҳои ифротиву террористӣ зимни роҳандозии ҳадафҳои нопоки худ аз зарфиятҳои технологияи иттилоотии пешрафта фаровон истифода мебаранд, ки бояд ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳ ва тадбирандешии муассири масъулону коршиносон қарор гирад.

Тибқи таҳлилу пешбиниҳо, чунин вазъият дар минтақа ва кишварҳои алоқаманд дар оянда идома ёфта, зуҳур ва фаъолияти гурӯҳи террористии «Давлати исломӣ» ва «Ал-Қоида» густариш меёбад.

Бинобар ин, зарурати таҳияи равишҳои нави инноватсионии муборизаи муштарак бар зидди терроризм, паҳншавии идеологияи ифротгароӣ ва тундгароии динӣ, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои муосир, ба миён омадааст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва амалиёти густурдаи ифротиву террористӣ рӯ ба рӯ гардида буд.

Имрӯз мо бо итминони комил изҳор медорем, ки ба шарофати ваҳдату дастгирии мардум ва сиёсати созандаи Ҳукумат кишвар аз вартаи он фоҷеа раҳо ёфт ва аз ин рӯ, мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатар ва пайомадҳои ин зуҳурот ниҳоят харобиовар ҳушдор медиҳем.

Маҳз ба ҳамин хотир, Тоҷикистон дар ҳамаи кӯшишҳо ва тадбирҳои байналмилалӣ ба хотири решакан кардани ин зуҳурот номатлуб фаъолона ширкат намуда, яке аз иштирокдорони фаъоли ҷомеаи байналмилалии зиддитеррористӣ гардид.

Мо бо қаноатмандӣ иброз менамоем, ки дар натиҷаи такмили батадриҷи қонунгузорӣ ва татбиқи барномаву стратегияҳои миллӣ дар кишвар заминаи сиёсати мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи давлатӣ барои муқовимат ба терроризму ифротгароӣ гузошта шудааст.

Дар доираи амалӣ намудани «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2016-2020», Ҳукумати мамлакат дар миёни дигар дастовардҳои назаррас, инчунин, ба беҳбуди механизми пешгирӣ кардани ифротгароиву тундгароӣ ва баланд бардоштани нақши соҳаи маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ноил гардид.

Татбиқи муваффақонаи ин санад ҷиҳати таҳия ва қабули стратегияи нав барои солҳои 2021-2025 заминаи мусоидро фароҳам овард.

Ҳоло барои татбиқи стратегияи мазкур котиботи махсус созмон дода шуда, ҳамзамон бо ин, Платформаи ҳамкорӣ байни ниҳодҳои давлатии татбиққунандаи он ва созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амал менамояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои мушаххаси Ҳукумати Тоҷикистон зиёда аз чорсад (400) нафар шаҳрвандони кишвар, асосан занону кӯдакон, аз Сурия ва Ироқ, ҳамчунин, зиёда аз панҷ ҳазор донишҷӯёни тоҷик бо мақсади пешгирӣ аз ҳамроҳшавии онҳо ба гурӯҳҳои террористиву ифротгароӣ аз муассисаҳои таълимии динии кишварҳои хориҷӣ ба Ватан баргардонида шуданд.

Имрӯз андешидани чораҳои муассир ҷиҳати офиятбахшӣ ва барқарорсозии онҳо идома дорад ва ҳамкории шарикони рушд дар ин раванд эҳсос мегардад.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Мо борҳо таъкид кардаем, ки Тоҷикистон дар хатти аввали мубориза бо хатари ифротгароиву терроризм қарор дошта, на танҳо минтақа, балки қаламравҳои фаротар аз онро аз оқибатҳои фалокатбори ин зуҳурот ҳимоя мекунад.

Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи мураккаби минтақа ва таҳкими доимии ҳифзи сарҳади давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешгирӣ кардани интиқоли фаросарҳадии ҷангҷӯёни террорист, қочоқи моводи нашъаовар, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Мо ба мақсади такмил додани раванди муҳофизати сарҳади давлатӣ ҳанӯз соли 2010 «Стратегияи миллии идора намудани сарҳад» ва нақшаи амали онро қабул кардем ва доир ба ислоҳоти низоми таъмини амнияти сарҳад барои давраи то соли 2025 бо мусоидати шарикони байналмилалӣ қабул намудем.

Таъкид бояд кард, ки дар шароити кунунӣ интиқоли ҷангҷӯёни террорист аз навоҳии ҷангзадаи Ховари Миёна ба минтақаҳои дигар ва дар ин замина тақвият ёфтани мавқеи созмонҳои террористии байналмилалӣ дар Афғонистон барои давлатҳои Осиёи Марказӣ хавфи ҷиддиро ба миён овардааст.

Таҳмили ғояҳои тундгароёна бар афкори ҷавонон ва мавҷудияти ба истилоҳ «гурӯҳҳои хуфта»-и ифротиву террористии байналмилалӣ аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти минтақа маҳсуб меёбанд.

Мутаассифона, ҳанӯз ҳам дар нуқоти муайяни олам терроризм дар шаклҳои гуногун ва зери шиорҳои мафкураи ифротӣ асоснок карда мешавад ва ба зеҳну шуури гурӯҳҳои мунтахаб таҳмил ва ташвиқу тарғиб мегардад.

Ба ибораи дигар, ҳаракатҳои террористӣ ҷараёни мушаххаси мақсадгузорӣ, омодасозии рӯҳиву равонӣ ва ҷисмониро дар бар мегиранд.

Барои таъмин намудани амнияти минтақа ва ҷаҳон ба таври мунтазам пешгирӣ кардани чунин раванд ва оқибатҳои фоҷеабори он аз ҷумлаи иқдомоти шадидан зарур дониста мешаванд.

Мо умед дорем, ки кишварҳои ҷаҳон дар ҳамбастагӣ муқовимати муассирро бар зидди ин зуҳуроти номатлуб роҳандозӣ мекунанд ва дар роҳи пешгирӣ кардани таҳарруки террористҳо, интиқоли онҳо аз як минтақа ба минтақаи дигар, дарку фаҳмиши омилҳои таҳрикдиҳандаи терроризм, инчунин таҳияи мавқеи ягона нисбат ба мафҳумҳои ифротгароӣ ва терроризм комёб мегарданд.

**Иштирокдорони муҳтарам!**

Гурӯҳҳои террористӣ кӯшишҳои худро ҷиҳати убури сарҳад дар минтақаҳои дурдаст ва дорои мушкилоти ҷуғрофию иқлимӣ идома медиҳанд.

Бо дарназардошти вазъи кунунии амниятӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дарк намояд, ки ифротгароиву терроризм бо тамоми зуҳуроти зишти худ ҳеҷ рабте ба миллат, дину мазҳаб ва шаҳрвандӣ надорад.

Вобаста ба ин, дарк бояд кард, ки танҳо ҳамкории созандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи асосии муборизаи самаранок ба мақсади рафъи мушкилоти терроризм мебошад.

Мусаллам аст, ки кишварҳои ҷаҳон раванди мубориза бо терроризму ифротгароиро ҳамоҳанг намуда, бо ибтикори созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҷиҳати эҷоди заминаҳои ҳуқуқии марбута корҳои зиёде анҷом додаанд.

Аммо, тавре ки вақт нишон дод, онҳо барои вокуниши муносиб ба ҳама таҳдидҳои мавҷудаи терроризм нокифоя мебошанд.

Чунонки дар гузоришҳои ниҳодҳои дахлдори Созмони Милали Муттаҳид зикр мегардад, ҳолати мазкур ба он сабаб ба миён омадааст, ки зимни арзёбии ҳуқуқӣ ва истилоҳӣ аз ин падидаи хатарнок миёни кишварҳо рӯйкарди ягона ва ҳамдигарфаҳмии зарурӣ вуҷуд надорад.

Аз ин лиҳоз, то замоне, ки аз ҷониби ҳамаи субъектҳои байналмилалӣ мафҳумҳои мушаххаси эътирофшудаи терроризму ифротгароӣ ва равишҳои ягонаи муқовимат ба онҳо пазируфта нашавад, таъмин намудани ҳамоҳангии талоши кишварҳо дар мубориза бо ин падидаҳои зиддиинсонӣ амалан ғайриимкон боқӣ мемонад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Эътироф бояд кард, ки вокуниши муваффақона ба ҳар як зуҳуроти номатлуб бо дарки мазмуну муҳтаво ва ҳадду ҳудуд, хусусиятҳои муайянкунанда, сабаб ва ҳассосияти он ва тадбирҳои гуногуни андешидашуда алоқамандӣ дорад.

Ҳамчунин, барои таъмин намудани ҳифзи сарҳад, сохти конститутсионӣ ва рушди муназзами давлатҳо ҳамкории воқеиву шаффоф дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ зарур ва ба манфиати ҳамаи ҷонибҳо мебошад.

Барои Тоҷикистон таъмин намудани ҳифзи бозъэтимоди сарҳади давлатӣ ва дарёфти имкониятҳо ҷиҳати тақвияти он бениҳоят муҳим аст.

Тоҷикистон ва Афғонистонро 1400 километр хатти сарҳад бо қитъаҳои мураккаби кӯҳӣ ба ҳам мепайвандад, ки тақрибан шаст (60) фоизи марзҳои давлатҳои Осиёи Марказиро бо ин кишвар ташкил медиҳад.

Дар чунин шароит мо ҷиҳати таҳкими сарҳадот чораҳои зарурӣ андешида истодаем ва тайи ду соли охир зиёда аз 175 иншооти сарҳадиро сохта, ба истифода додем.

Қобили зикр аст, ки ҳамзамон бо ин сохтмони сӣ (30) иншооти дигар идома дорад ва моро лозим аст, ки дар оянда боз сесад (300) иншооти марбутаро бунёд намоем.

Дар ин робита, талошҳои таъхирнопазир ҷиҳати татбиқи ташаббуси Тоҷикистон - консепсияи «камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон ба манзури пешгирӣ ва коҳиш додани пайомадҳои хатару таҳдидҳо амри зарурӣ мебошад.

**Иштирокдорони муҳтарам!**

Барои ҷилавгирӣ аз фаъолияти террористон давлатҳоро зарур аст, ки зимни ҳифзи сарҳад тадбирҳои назоратиро мувофиқи уҳдадориҳо ва дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ намоянд.

Имрӯзҳо мо мушоҳида мекунем, ки террористону ифротгароён аз институти «гуреза» ва «паноҳҷӯянда» хуб истифода карда, аз бовари кишварҳои бештар тараққикарда суистифода менамоянд.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки арзишҳои инсонӣ ва ҳуқуқи башар ҷудо аз терроризму ифротгароӣ баррасӣ карда шуда, ба шахсони барои содир кардани амалу кирдорҳои террористӣ ҷалбшуда ва айбдор донисташуда паноҳгоҳ дода нашавад ва чунин ашхос сари вақт боздошт ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Таъмини бозъэтимоди амнияти сарҳад барои ҷилавгирӣ аз таҳдиди терроризму ифротгароён тавассути сарҳадҳои хушкӣ, ҳавоӣ ва баҳрӣ аҳамияти фавқулода муҳим дорад.

Таъкид бояд кард, ки роҳандозии муборизаи самаранок бар зидди падидаҳои харобиовар муосир андешидани чораҳои дастаҷамъиро тақозо мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин мақсад бо якчанд созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо, ниҳодҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва кишварҳои мададрасон, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Хитой ва Россия дар доираи лоиҳаҳои гуногуни марбут ба мудирияти сарҳад ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст.

Бинобар рушди босуръати технологии соҳаи мудирияти сарҳад, имрӯзҳо зарурати таъмин намудани мақомоти назорати сарҳадӣ бо технологияҳои муосир барои сари вақт ошкор ва пешгирӣ намудани кӯшишҳои гурӯҳҳои террористиву ифротӣ, ки нияти рахна кардани низоми сарҳади давлатиро доранд, ба миён омадааст.

Амалӣ намудани ин иқдом омӯзиши таҷрибаи кишварҳои тараққиёфта ва марҳила ба марҳила ҷорӣ кардани стандартҳои пешқадами байналмилалиро дар мудирияти сарҳади давлатӣ тақозо мекунад.

Аз ин лиҳоз, дастрас намудани василаҳои аз лиҳози фанноварию техникӣ пешрафта ва бозъэтимод дар ин масир яке аз вазифаҳои асосии муборизаи муштараки сатҳи байналмилалӣ бо терроризм дониста мешавад.

Умед дорам, ки доираи ҳамкории Тоҷикистон дар ин самти муҳим дарояндаи наздик боз ҳам васеъ мегардад.

Моро зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, дониш ва таҳкими иқтидори давлатҳо дар мубориза бо терроризм мувофиқи механизмҳои мавҷуда ҳамкории зич дошта бошем.

Бо орзуҳои беҳтарин ба ҳамаи иштирокдорони конфронс дар ёфтани роҳҳалҳо ҷиҳати расидан ба ҷаҳони озод аз терроризму ифротгароӣ, бори дигар аз ташрифи шумо ба Тоҷикистон изҳори сипос менамоям.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**17 октябри соли 2022 дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Кӯлоб рақами 37 Шарифҷон Ҳакимзода бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Шарифҷон Ҳакимзода оид ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи самараноки замин, захира намудани маҳсулоти озуқаворӣ барои фасли сармо, сафарбаркунии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, тарбияи дурусти насли наврас ва ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунар ибрози андеша намуда, сипас ба саволҳои интихобкунандагон посух гуфт.

**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода ва вакили Маҷлиси намояндагон Зулфиқор Гулаҳмадзода дар ноҳияи Данғара бо интихобкунандагон мулоқот карданд.**

Нахуст, дар вохӯрӣ бо кормандони Шабакаҳои барқи ноҳияи Данғара масъалаҳои омодагӣ ба давраи зимистони дарпешистода, таъмини аҳолӣ, муассисаҳои таълимиву тандурустӣ ва дигар ташкилоту идораҳои ноҳия бо неруи барқ дар фасли сармо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, вакилон зимни вохӯрӣ бо интихобкунандагон сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи дурусти шабакаҳои иҷтимоӣ, пешгирии тамоюли бегонапарастӣ ва шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистиро низ таҳлилу баррасӣ карданд.

**17 октябри соли равон дар толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён низ вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Кӯшониён рақами 27 Шодиён Муҳаммад бо фаъолони ноҳия доир гардид.**

Дар он оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба самаранок истифодабарии замин, ҷамъоварии ҳосили пахта, омодагиҳо ба кишти тирамоҳӣ, иҷрои босифати даъвати тирамоҳии шаҳрвандон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои мубрам суҳбат ороста шуд.

Ҳамчунин, дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳуснигул Одиназода, Гавҳарбону Шарофзода, Сумангул Тағойзода ва Гулбаҳор Ашӯрзода низ ҳамин гуна вохӯриҳо баргузор шуданд.

**Инчунин, 17 октябри соли ҷорӣ дар доираи амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ суҳбату вохӯриҳои судманд миёни сокинону интихобкунандагони маҳаллаи Шафақ доир гардид.**

Дар вохӯрӣ раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвина Меликзод иштирок намуда, доир ба ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он дар шароити мураккаби ҳозираи ҷаҳон, рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас андешаронӣ карданд.

Сипас, интихобкунандагон бо дархосту саволҳо ба вакилон муроҷиат намуда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**17-уми октябри соли ҷорӣ вакилони Маҷлиси намояндагон Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил ва Шамсиддинзода Мавзуна низ дар шаҳри Исфара бо кормандони соҳаи маориф, тандурустӣ ва фаъолони соҳаҳои дигар дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара мулоқот доир намуданд.**

Вакилони Маҷлиси намояндагон иброз доштанд, ки соҳаи илм ва маориф таҳти сарпарастӣ ва таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат қарор дошта, яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шудааст, чунки ояндаи дурахшони Тоҷикистон ба низоми тарбияи насли наврас ва сатҳи касбияти мутахассисон вобастагии амиқ дорад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Сулаймон СУЛТОН, «Садои мардум»**

# ВМКБ: БАРОИ БУНЁДИ СОХТМОНҲОИ НАВ ҚУВВАИ КОРӢ ЗАРУР АСТ

**Таҳти раёсати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ даъвати шашум баргузор гардид.**

Дар он се масъала - «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2023-2025», «Қарори раиси ВМКБ аз 31 майи соли 2022 таҳти № 189 «Дар бораи тасдиқи нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба омодагӣ ва ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тасдиқи қарорҳои раиси вилоят, ки дар байни иҷлосияҳои ёздаҳум ва дувоздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ даъвати шашум қабул шуданд, баррасӣ гардид.

Аз рӯи масъалаи якум муовини сардори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоят Марзия Некпаева иттилоъ дода, зикр кард, ки дар ҳашт моҳи соли равон ба шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии кишвар дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят барои дарёфти кор ва дигар масъалаҳо вобаста ба шуғл 5642 нафар муроҷиат намуда, 3933 нафари онҳо ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуданд. Феълан дар қайди шуъбаву бахшҳои агентӣ 5547 нафар буда, ба 5539 нафари онҳо мақоми бекорӣ дода шудааст.

Раиси вилоят Алишер Мирзонабот таъкид кард, ки дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди иншооти муҳими стратегию иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва истеҳсолии мамлакат бояд мутахассисони сатҳи баланд ҷалб шаванд. Аз ҷумла, барои сохтмонҳои нави маркази вилоят ва ноҳияҳои он ҳоло қувваи корӣ зарур аст.

Вобаста ба масъалаи дуюм «Дар бораи тасдиқи нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба омодагӣ ва ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят Баракатшо Зеваршоев гузориш дод.

Зикр гардид, ки дар асоси нақшаи чорабиниҳои вилоят, ки аз 905 банд иборат аст, 29 банд барои нақшаи чорабиниҳои ташкилӣ – оммавӣ ва 876 банд баҳри сохтмону таъмири иншооти гуногун пешбинӣ гардидааст. Тибқи нақша, дар қаламрави вилоят 41 муассисаи тандурустӣ, 12 муассисаи фарҳангӣ, 85 муассисаи соҳаи маориф ва 79 корхонаи истеҳсолӣ сохта, ба истифода дода мешаванд.

**М. ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

# ИДИ ФАРОВОНӢ

**Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009 таҳти рақами 538 таҷлили Иди Меҳргон дар кишвар бо шукӯҳу шаҳомат ба роҳ монда шудааст.**

**Абдуҷаббор УМАРЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Кунун ёдгор аст аз ӯ моҳи меҳр,**
**Бикӯшу ба ранҷ эч манмой чеҳр!**

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон чунин зикр карданд: «Меҳргон яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардуми ориёинажод буда, гузаштагонамон онро ҳамчун ситоишу ниёиши Меҳр ё Митро ва рамзи аҳду паймон ва дӯстиву муҳаббати оини меҳрпарастӣ таъбир кардаанд. Меҳргон иди ҷамъоварии ҳосили рӯёндаи деҳқон, иди фаровонӣ, шодию нишот, дӯстию рафоқат, ваҳдату ягонагӣ ва меҳру садоқат аст».

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, Меҳргон таърихи зиёда аз сеҳазорсола дошта, тоҷикон онро дар ҳама давру замон таҷлил мекарданд. Меҳргон дар эҷодиёти адибону олимон зиёд тараннум шудааст. Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ Меҳргонро «Ҷашни шоҳону хусравон» хондааст.

**Малико! Ҷашни Меҳргон омад,**
**Ҷашни шоҳону хусравон омад.**

**Хаз ба ҷои мулҳаму хиргоҳ,**
**Бадали боғу бӯстон омад.**

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безавол пайдоиши ин ҷашнро ба замони Ҷамшеду Фаридун мансуб медонад:

**Замона беандуҳ гашт аз бадӣ,**
**Гирифтанд ҳар як раҳи эзадӣ.**



**Дил аз довариҳо бипардохтанд,**
**Ба оини Кай ҷашни нав сохтанд.**
**Парастидани Меҳргон дини ӯст,**
**Таносониву хӯрдан оини ӯст.**

Роҷеъ ба пайдоиши ҷашни Меҳргон дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти зиёд омадааст. Аллома ва фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия»-и хеш дар хусуси ҷашни Меҳргон овардааст: «Меҳрмоҳ, рӯзи аввали он ҳурмуздрӯз аст. Ва рӯзи шонздаҳум рӯзи меҳр аст, ки иди бузурге аст ва ба Меҳргон маъруф аст, ки хазони дуюм бошад. Ва ин ҷашн монанди дигар идҳо барои умуми мардум аст. Ва тафсири он дӯстии ҷон аст. Ва гӯянд, ки «Меҳр» номи Офтоб аст ва чун дар ин рӯз Офтоб барои аҳли олам пайдо шуд, ин рӯзро «Меҳргон» гӯянд. Далел бар ин гуфтор он аст, ки аз оини Сосониён дар ин рӯз тоҷеро, ки сурати Офтоб дар ӯ буд, ба сар мегузоштанд. Ва Офтоб бар чархи худ дар он тоҷ савор буд. Ва дар ин рӯз барои эрониён бозоре пайдо мешавад». Абӯрайҳони Берунӣ пайдоиши ҷашни Меҳргонро ба подшоҳи сулолаи Пешдодиён Фаридун нисбат медиҳад.

Аз нигоштаҳои адибон ва донишварон хулоса кардан мумкин аст, ки ҷашни Меҳргон аз ҷумлаи ҷашнҳои муқаддаси гузаштагони мо маҳсуб меёфтааст. Чӣ тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ниёгонамон дар гузаштаи қадим солро ба ду давра тақсимбандӣ мекардаанд, ки онро дар тақвими авестоӣ метавон мушоҳида кард. Якеро тобистон {«ҳама=hama»} мегуфтанд ва дигареро зимистон {«зайама=zayama»} меномидаанд. Аз гуфтаҳои муаррихон маълум мешавад, ки ҷашни Меҳргон баъди истилои арабҳо ҳам дар байни мардум мақоми баландро соҳиб будааст ва мардум таваҷҷуҳи хос доштаанд.

Ҳоло бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар, иди Меҳргон бо ҳама суннаташ таҷлил мегардад. Ҳар сол дар ин рӯз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ташкил гардида, пешоҳангони соҳа аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ қадрдонӣ мешаванд.

# ОМӮЗГОРОН СОҲИБИ ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛИГӢ ШУДАНД



**Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006 таҳти №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» 30 нафар омӯзгори ҷавон аз ноҳияи Дӯстӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин гаштанд.**

Бино ба маълумоти мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Дӯстӣ Шаҳноза Маҳмадсаидзода, ин ибтикор дар арафаи таҷлили «Рӯзи омӯзгорон» амалӣ гардида, ҳуҷҷатҳои замин аз ҷониби раиси ноҳия Нишонзода Даврон дар чорабинии тантанавӣ ба омӯзгорони ҷавон супорида шудааст.

Ёдовар мешавем, ки рӯзномаи «Садои мардум» бо номи «Чаро омӯзгорони ҷавон аз имтиёз маҳруманд?» дар шумораи №61 (4481) аз 21 майи соли 2022 перомуни зиндагии яке аз омӯзгорони ҷавони ноҳия Ҷумагул Саидова, ки аз соли 2014 то инҷониб барои дарёфти қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ муроҷиат мекард, матлаб нашр карда буд.

Хушбахтона, Ҷумагул Саидова низ дар қатори дигар омӯзгорон соҳиби қитъаи замини наздиҳавлигӣ гашт. Ба гуфти Шаҳноза Маҳмадсаидзода, ин ташаббус минбаъд низ амалӣ гардида, марҳила ба марҳила дигар омӯзгорони ҷавон бо замини наздиҳавлигӣ таъмин хоҳанд шуд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# ШОИРЕ АЗ ОЛАМИ МАЪНИҲО




**Чордаҳуми октябри соли равон дар Китобхонаи марказии шаҳри Ҳисор бахшида ба ҳаёту фаъолияти эҷодии шоир ва рӯзноманигори шинохта Ворис Калонов чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид, ки дар он аҳли қалам ва ҳаводорони эҷодиёти шоир ширкат карданд. Адиб Султонмуроди Одина Ворисро ҷӯяндаи калимаву ибораҳои нав муаррифӣ карда, изҳор дошт, ки ӯ давомдиҳандаи кори фарзандони фарзонаи тоҷик буда, дар эҷоди шеър муваффақ аст.**

Ба қавли табиб ва шоир Абдуҳалим Самадов, Ворис донишманди тавонои соҳаи шеъру сухан буда, эҷодиёташ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳамзабон мавриди истиқболи гарм қарор гирифтааст.

Шоир ва рӯзноманигор Абдуқодири Раҳим Ворисро аз шоирони тавоно муаррифӣ намуда гуфт, ки вақте ки мегӯянд шеъри Ворис равону сода аст, ман бовар мекунам, аммо бисёр вақт ҳамин содагӣ моро фиреб медиҳад. Ҳамон андозае, ки Мавлоно моро фиреб медиҳад, Мирзо Абдулқодири Бедил фиреб намедиҳад, чунки ҳам суханаш мураккаб аст, ҳам даркаш. Сухани Мавлоно, ки бисёр сода менамояд, гумон мекунем, ки ҳама чиро фаҳмидем, аммо ин тавр нест.

Ворис нозим нест, шоир аст ва дарки шеъраш бисёр мураккаб мебошад. Шеър тавъам ба се унсур аст: тахайюл, эҳсос ва андеша, ки дар шеъри Ворис ҳамин се чиз ба ҳам меояд. Ворис шоире нест, ки аз вожаҳо ба маъно равад, балки аз олами маъноҳо ба олами вожаҳо меравад. Ворис шахсиятест, ки аз муваффақияти ҳар инсон ба ваҷд меояд, шод мешавад, - зикр кард номбурда.

Рӯзноманигор ва театршинос Маҳмадулло Табарӣ китоби «Барги дуо»-ро муаррифӣ кард. Ӯ, ки мураттиби китоби мазкур мебошад, гуфт, мақолаву тақризи 25 нафар аз аҳли қаламро доир ба рӯзгору осори Ворис дар маҷмӯа гирд овардааст.

-Дар китоб мақолаҳоро доир ба ҳунари шоириву рӯзноманигории устод Ворис ва шахсияташ гирд овардем. Устод Ворис ба адабиёт беғулғула, ба қавли Муҳаммадалии Аҷамӣ, мисли як чашма пок ва зулол ворид шуда, бори суханро бар дӯш гирифтанд. Шеъри устод шеъри воқеият ва дарди ҷомеа аст, - изҳор дошт номбурда.

Дар чорабинӣ, ҳамчунин, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Шамсиддини Муҳиддин аз эҷодиёти устод Ворис ғазалеро дар пардаи «Шашмақом» («Ироқи Ҳисор») иҷро кард. Инчунин, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Ҳисор аз эҷодиёти шоир шеърҳо қироат карданд.

Дар фарҷом Ворис Калонов аз шеърҳои тозаэҷодаш қироат намуда, ҳамчунин, ба саволҳои ҳаводорони эҷодиёташ посух гуфт.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

## Табиби ман - ҳабиби ман

**Чанде пеш иттилоъ гирифтам, ки барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ, доктори илмҳои тиб, профессор Алишер Муродов дар муддати кӯтоҳ дар ҳаммуаллифӣ бо Х. Ибодов, Т. Икромов, А. Одиназода, А. Муродов С. Расулов, А. Ҳамидов ва О. Шамилина чандин китоб, аз ҷумла «Механизми инкишофи патологии рено - пулмоналӣ - кардиалии беморим музмини гурдаҳо дар кӯдакони гирифтори уролитиаз», «Вазифаи шушҳо дар инкишофи вайроншавии функсияҳои узвҳо бо норасоиии шадиди гурдаҳо дар кӯдакон», «Фаъолияти метаболикии шушҳо ва майнаи сар дар марҳилаи шадиди садамаи омехта» ва «Оксидкунии ғайримустақими электрохимиявии хун дар муолиҷаи саратони сина» - ро таълиф намудааст. Китобҳо фарогири масоили марбут ба бемориҳои гурда, ҷигар, саратони сина ва бемориҳои хос ба калонсолону навзодон буда, роҳҳои табобати онҳо нишон дода шудааст.**

Муаллифон, ки дар мамлакат ва хориҷ аз он мақому ҷойгоҳи баланд доранд, дар заминаи пажӯҳиши амиқу доманадор паҳлуҳои то ҳол норавшани бемориҳои зикршударо ифшо намудаанд, ки аз лиҳози моҳият метавон онҳоро дастовардҳои арзандаи бахши тандурустии кишвар арзёбӣ кард.




# ИЛМАШ БА АМАЛ ЁР АСТ

Алишер Муродов яке аз намояндагони сулолаи табибони варзидаи мамлакат - Муродовҳо маҳсуб ёфта, тавонистааст, ки обруву нуфузи падари бузургвораш - асосгузори соҳаи анестезиология ва эҳёшиносӣ дар Тоҷикистон Мухтор Муродовро на танҳо ҳифз намояд, балки онро равнақ бахшад. Ин номбардори падар аз он ифтихор дорад, ки расми қиблагоҳаш ба ҳайси ҷавонтарин профессори кишвари шӯравӣ Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи шаҳри Москваро ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта зеб дода буд, зеро ӯ дар синни 34-солагӣ ба унвони доктори илмҳои тиб ва профессор мушарраф гардид. Дар таъсиси шуъбаи анестезиология ва эҳёгарии Бемористони клиникии №5 ва кафедраи ҳамноми он дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино муваффақ гардида, барои рушди ин соҳа саъй намуд. Профессор Мухтор Муродов баробари фаъолияти илмиву эҷодӣ ва таълифи даҳ асари монографию ихтироъҳои зиёде дар тарбияи шогирдон низ саҳми арзанда гузоштааст. Таҳти роҳнамоии ӯ чор доктори илми тиб ва 16 номзади илми тиб дар бахши анестезиология ва эҳёгарӣ рисолаҳои илмӣ ҳимоя кардаанд.

Алишер Муродов низ парвардаи мактаби падар аст, ки бо ҳидояти ӯ ба ин пеша майл намудааст. Ба ҳеҷ ваҷҳ аз обруву эътибори падар суиистифода накарда, баробари таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино фаъолияти парасториро дар беморхона идома дода, таҷриба андӯхт. Дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ низ муддати ду сол дар ҳамин бахш хидмат намуд. Баъди адои хидмат таҳсилро дар донишгоҳ идома дода, ҳамзамон таҳти роҳбарии падар - устод ба фаъолияти илмӣ шурӯъ карда, донишгоҳро бо баҳои аъло хатм намуд, вале марги беамон нагузошт, ки падар идомаи фаъолияти ӯро бубинад. Баъди хатми донишгоҳ, дар шуъбае, ки бунёди онро падараш гузошта буд, корро оғоз кард. Шабҳои бедорхобӣ, ҷаҳду ҷадал барои ба ҳаёт баргардонидани ҳар як бемори беҳису карахт, ҷустуҷӯву таҳқиқи муфассали сабабҳои беморӣ ва дарёфти роҳҳои ба ҳаракат овардани ин ё он узви аз кор бозмондаи беморон ӯро водор менамуданд, ки мунтазам омӯзад.

Ин ибтикорот самар оварданд ва ин олими ҷавон пас аз ду соли хатми донишгоҳ бо дифои рисолаи номзадӣ, бемории ҳанӯз дар тиб номаълум - синдроми наверо кашф намуда, «Синдроми Муродов» ном гузошт.

Бармаҳал, дар синни 33-солагӣ рисолаи доктириро дар мавзӯи «Қатъ шудани фаъолияти ғайринафасии шуш ҳангоми осеби шадиди шуш» дар Академияи тиббии баъдидипломии шаҳри Санкт-Петербург бомуваффақият дифоъ намуда, дар синни 34 - солагӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия сазовори унвони профессор гардид. Аввалин асари монографиаш «Аломати қатъ шудани кори ғайринафасии шуш», ки барои мутахассисони соҳа чун обу ҳаво зарур аст, дар ин бахш марҳилаи сифатан навро оғоз бахшидааст. Дар асари дигари монографӣ «Аломати хунравӣ ва осеби он ба кӯдакони навзод» номбурда дар заминаи таҳлилҳои амиқу доманадор осеби мушаххаси хунравии шадидро ба ҳар як аъзои бадан муфассал ва аниқ нишон додааст.

Қаблан номбурда чор китоби дарсӣ - «Ҳаводиҳии сунъии шуш ҳангоми тангии нафас», «Усулҳои умумии муолиҷа ҳангоми заҳролудии шадид», «Усулҳои карахткунии ҷузъӣ дар таҷрибаи ҷарроҳӣ ва гинекологиву момодоягӣ» ва «Эҳёсозӣ ва муолиҷаи босамар ҳангоми заъфи шадиди дилу раг»-ро таълиф карда буд.

Ҳанӯз 35 - сола буд, ки ба тарбияи шогирдон иқдом намуд. Таҳти роҳбарии ӯ шаш рисолаи докторӣ ва 30 рисолаи номзадӣ дифоъ гардиданд, ҳоло 5 нафар баҳри ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва се нафар барои ҳимояи рисолаҳои докторӣ фаъолият доранд. Иншои 9 китобу 6 монография, зиёда аз 320 таълифоти илмӣ, соҳиби 5 патент, 44 пешниҳоди навоварӣ барои ихтироот будан ва ғайра бозгӯйи фаъолияти пурмаҳсули ӯст.

Дастовардҳои қаҳрамони матлаб замина фароҳам оварданд, ки соли 2000 барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ гардад. Боиси ифтихор аст, ки ин ҳамватани мо давоми 14 соли охир раисии Шӯрои диссертатсионӣ доир ба анестезиология ва реаниматологияи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россияро ба зимма дошт. Узви ҳайати таҳририяи маҷаллаҳои зиёди илмӣ мебошад.

Соли 2009 бо ордени «Шараф» дараҷаи II мукофотонида шудааст. Бо мукофотҳои соҳавии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сарфароз гардидааст.

Айни ҳол ба ҳайси мудири кафедраи тибби иферентӣ ва муолиҷаи интенсивии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ДТБКСТ), раиси Шӯрои диссертатсионӣ доир ба анестезиология ва реаниматология дар назди ДТБКСТ, сармутахассиси ғайривоҳидӣ оид ба илоҷи ихроҷӣ ва табобати боҷадали Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири шуъбаи тиббӣ ва фармасевтии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолияти назаррас дорад.

Фарзандонаш низ бо донишу рафтори намунавӣ номбардорони сулола будани худро собит намудаанд. Фарзанди калониаш - Ардашер Муродов дар 25 - солагӣ рисолаи номзадиро дар соҳаи ҳуқуқ ҳимоя намуда, айни замон ба ҳайси судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе фаъолият дорад. Фарзанди дигараш Амиршер Муродов дар бахше, ки падар ва бобояш фаъолият доштанд, кор карда истодааст.

Бемуҳобот, қаҳрамони матлаб аз чеҳраҳои шинохтаи соҳаи тандурустӣ аст, ки миёни мардум маҳбубияти хос дорад. Дӯсташ медоранду эҳтиромаш мекунанд, ки бесабаб нест. Агарчи дар овони ҷавонӣ ба мартаба расид, табиати инсонияш бегазанд ҳамоно содиқу ҳалолкору шикастанафс побарҷо мондааст. Медонад, ки ҳар кори мушкилро ҳам метавон ба осонӣ иҷро намуд. Дар иҷрои он, ба ҷуз боварӣ, самимияту муҳаббат ва масъулият бояд дошта бошӣ. Ӯ маҳз аз садоқат ба касб машҳур шудаву «илмаш ба амал ёр аст».

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

**Занҳои боиффати тоҷик дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ ҳамеша пешсаф буданду дар баробари мардон дар пешрафти ҷомеа ҳиссаи арзанда мегузоштанд. Соҳаеро намедонем, ки бонувони мо дар радифи мардон қадам нагузошта бошанд.**


Акс аз интернет

# МАРВОРИДИ КИНОИ ТОҶИК

## Ҳамдиёри мо Маргарита Қосимова аввалин зан - таҳиягари кино аз Осиёи Марказӣ аст

Дар санъати киной тоҷик бонувони эҷодкор хизматҳои фаромӯшношуданӣ ба анҷом расонидаанд. Хусусан, ҳамчун таҳиягари кино дар офаридани филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ.

Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асарҳои тадқиқотӣ оид ба киноӣ тоҷик, инчунин бастаҳои маҷалла, варақаҳои шахсӣ ва рӯзномаҳои давриро аз назар гузаронидем. Рӯйхати занҳо - таҳиягари кино бо чунин тарз тартиб ёфт. Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон Маргарита Наимовна Қосимова фаъолияти кориаш дар киностудияи «Тоҷикфилм» солҳои 1962-1992, Елизавета Бенсионовна Кимёгарова солҳои 1968- 1991, Гуландом Салоҳовна Муҳаббатова солҳои 1972-2010, Майрам Шамсуллоевна Юсупова солҳои 1972-1993, Ҳалима Носировна Ҳасанова солҳои 1989-1990, Муҳаббат Сатторӣ аз соли 2007 инҷониб, Шарофат Арабова ва Аниса Собирӣ солҳои охир ҳамчун таҳиягари кино муаррифӣ шудаанд.

Аз номҳои тартибдодаи бонувони эҷодкори киноӣ тоҷик хулоса кард, ки аввалин зан- кинорежиссёр аз Осиёи Миёна, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон Маргарита Наимовна Қосимова мебошад. Ин бону 10 апрели соли 1938 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм карда, орзу дошт, ки шарқшинос шавад. Аз ин рӯ, ба шаҳри Москва ба Университети давлатии ба номи М. В. Ломоносов рафта, ҳуҷҷат супориданӣ буд. Довталабон хеле зиёд буда, ба як ҷой 60 нафар ҳуҷҷат супорида буданд. Яке аз устодон, масъули кори комиссияи қабули ҳуҷҷатҳо духтараки нозукандом ва зебои тоҷикро дида гуфт:

- Духтарам, он ҳусну латофат ва зебоие, ки дорӣ, бояд актриса шавӣ.

Маргарита баъд аз он суханҳо ҳуҷҷатҳояшро ба факултети режиссёрии Институти давлатии умумииттифоқии кинематографияи Москва – маъруф бо номи ВГИК супорида, солҳои 1957-1962 дар он боргоҳи ҳунар сабақ омӯхт. Ба тоҷикдухтари баҷасорат муяссар шуд, ки дар гурӯҳи маҳорати режиссёри машҳури советӣ, профессор Александр Петрович Довженко нозукиҳои касби режисураро омӯзад. Ҳамкурсони давраи донишҷӯияш Отар Иоселиани, Лариса Шепитко, Георгий Шенгелая, Виктор Туров, Гунар Писсис баъдтар режиссёрҳои маъруфи кино шуданд.

Маргарита дар хобгоҳи донишҷӯён бо ҳамкурсонаш Лидия Федосеева – Шукшина, Лариса Шепитко ва Людмила Гурченко дӯсти қарин шуданд.

Маргарита Наимовна Қосимова солҳои донишҷӯиро ба хотир оварда гуфт:

- Устодам Александр Петрович ба ҳар як шогирдаш нигариста, фикру андешаҳояшро ошкоро баён мекард. Масалан, ба ман нигариста гуфта буд:

- Агар аз ин духтари зебо режиссёри хуб набарояд, аниқ мегӯям, ки барандаи барномаҳои хуби телевизионӣ мешавад.

Артисти халқии ИҶШС Сергей Герасимов «Ин духтараки зебо симои актёрӣ дорад, дар курси режиссёрӣ чӣ кор мекунад. Ӯ бояд дар факултети актёрӣ хонад. Аз ӯ актрисаи хуб мебарояд» - гуфта буд.

Баъд аз баҳои ду нобиғаи киноӣ ҷаҳонӣ ман ҳам барандаи барномаҳои телевизионӣ шудаму ҳам дар санъати актёрӣ ҳунарамро санҷидам. Манзури ман ин филми бадеии телевизионии «Хати парвоз»-и Т. Собиров (соли 1970) мебошад, ки дар он филм нақши барандаи телевизионро иҷро кардаам ва аз маросими Озмуни ҷумҳуриявии заргарон гузориши мустақим пахш кардаам.

Ҳангоми таҳсил дар курси сеюми донишкада ҳамчун режиссёри кино аввалин дастранҷи мустақилонаро (соли 1959) таҳия намуд. Он филми ҳуҷҷатӣ «Дар қалби яхистони Помир» ном дошт.

Баъд аз хатми донишкада соли 1962 ба киностудияи «Тоҷикфилм», фиристода шуд. Он вақт таҳиягари навкор Тоҳир Собиров аз рӯи дархости роҳбарияти киностудияи «Туркманфилм» ба шаҳри Ашқобод даъват шуд, то ки филми бадеии «Шоҳсанам ва Ғариб»- ро ба навор гирад. Тоҳир Собиров ӯро ба гурӯҳаш даъват кард. Ин таҷрибаомӯзии нахустини режиссёри оянда Қосимова ба сифати режиссёри дуюм дар офаридани филмҳои ҳунарӣ гардид.

Солҳои 1964 - 1965 дар киногурӯҳҳои «Замони осоишта» ва «Ҳасани аробакаш» ҳамроҳи Борис Кимёгаров режиссёри дуюм буд. Рӯзе Кимёгаров ба Тоҳир Собиров рӯ оварда гуфт:

- Ин духтараки зебо дар гурӯҳи мо чӣ кор мекунад?

Пас ба Қосимова рӯ оварда:

- Бо ин ҳусну малоҳате, ки дорӣ, дар саҳнаи театр ё телевизион ҳунаратро нишон деҳ…

Вале азми духтари якрави тоҷик қатъӣ буд, ки режиссёри кино мешавад. Мехост, ки мустақилона филми бадеӣ эҷод кунад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳангоми дар курси чоруми ВГИК таҳсил карданаш таҳия ва наворбардории филми бадеии кӯтоҳметраи «Сабина»-ро (муаллифи сенария Ю. Рожков, оператор В. Белокопитов рассом Г. Мирзохонов, соли 1961) ба уҳдааш гузоштанд.

Филм аз ҷониби мунаққидони кино ва мутахассисони соҳа он қадар хуш пазируфта нашуд. Аз ин рӯ, то соли 1967 ба Маргарита Қосимова имконият надоданд, ки филми бадеӣ ба навор гирад. Вале Маргарита бо муносибати роҳбарияти киностудияи онвақта розӣ шуда наметавонист.

- Боре роҳбари онвақтаи Комитети давлатии ИҶШС оид ба кинематография Алексей Романов ба шаҳри Душанбе сафари корӣ дошт ва бо аҳли эҷодии киностудияи «Тоҷикфилм» вохӯрд. Ман суханронӣ карда, минҷумла гуфтам:

Ман, режиссёр Маргарита Қосимова, шогирди Александр Петрович Довженко. Агар имконият бошад, маро ба Москва ба кор гиред. Дар ин ҷо ба ман имкон намедиҳанд, ки кору эҷод кунам, филмҳои бадеӣ офарам…

Номбурда дар ҳайрат монда гуфт:

- Чаро зани тоҷик, кинорежиссёрро дастгирӣ намекунед?

- Пас ба ман нигариста гуфт:

- Агар дар муддати ду ҳафта ба ту таҳияи ягон филми бадеиро надиҳанд, ба қабулгоҳи ман занг зада, гӯед, ки ман Қосимова аз Душанбе…

Султон Мирзошоевро, ки соли 1967 нав раиси Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба кинематография таъин карданд, таҳиягари ҷавон Қосимоваро наздаш даъват карда гуфт:

- Наздам медаромадед, ин корро дар шаҳри Душанбе ҳам ҳал мекардем…

Ҳамин тавр, Маргарита Наимовна аввалин филми бадеии «Тобистони соли 1943»- ро (сенарияи А. Тимофеевский дар ҳамкорӣ бо О. Осетинский аз рӯи повести «Тобистон»-и П. Толис) соли 1967 таҳия намуд.

Минбаъд, роҳи бонуи ҳунарманди кино барои эҷоди филмҳои бадеӣ боз гардид. Тадриҷан, филмҳои бадеӣ ва телевизионии «Ҷӯра саркор» (соли 1969), «Роҳҳо гуногун мешаванд» (соли 1971), «Чор нафар аз Чорсанг» (соли 1972), филми бадеии телевизионӣ, «Бофандаҳо» (соли 1974), филми бадеии телевизионӣ) «Буд-набуд дар синфи якум буд» (соли 1977), «Хушбахтӣ дар паҳлуят» (соли 1978), «Имрӯз ва ҳама рӯз» (соли 1982), «Торҳои муҳаббат» (соли 1983), «Чашмаи гӯё» (соли 1985), «Изи динозавр куҷо мебарад» (соли 1988), «Марди мутаалliқи ду зан» (соли 1991), «Муҳаббат баъди сад сол» (соли 1992) ва чандин филмҳои ҳуҷҷатӣ, киножурнали «Тоҷикистони советӣ» ва киномаҷаллаи ҳаҷвӣ –танқидии «Калтак»- ро таҳия кардааст.

Маргарита Қосимова, инчунин, 30 филми ҳуҷҷатиро низ ба навор гирифтааст. Номгӯи чанде аз онҳо: Филми ҳуҷҷатии «Бародари ман Ғулом» (соли 1971, дар бораи бетонрез, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ғ. Арзиқулов), «Ба роҳи охират» (кинорепортаж аз маросими видоъ бо устод Мирзо Турсунзода дар Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон, соли 1977), «Умре дар роҳ» («Дорога длиною в жизнь») соли 1979, дар бораи Маҳмудҷон Воҳидов), «Абӯалӣ ибни Сино» (соли 1980), «Суруди кӯҳсор» (соли 1980, аз эҷодиёти Ансамбли рақсии «Зебо»), «Саҳифаҳо аз албоми кӯҳан» (соли 1983), «Сарчашмаҳо» (соли 1984), «Кишвари азизи ман» (соли 1984), «Заминҷунбӣ» (аз ҳодисаи даҳшатангези зилзилаи деҳаи Шароран ноҳияи Ҳисор, 23 январи соли 1989), «Фиғон» (соли 1988), «Роҳи сафед» (соли 1989) ва ғайраҳо.

Қаҳрамони матлаб майдончаи наворгирии филмҳоро ҳамеша дар минтақаҳои мушкили кӯҳистон, водиву биёбонҳо интихоб мекард.

Масалан, ҳангоми наворбардории филми бадеии «Роҳҳо гуногун мешаванд» (соли 1971) аз автобазаи мошинҳое, ки ба навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бор мекашанд, чор мошин ҷудо карданд. Ронандаҳо ҳангоми наворбардорӣ ағбаи Хобу Руботро тай карда, то марказ ноҳияи Қалъаи Хумб (ҳоло Дарвоз) киногурӯҳро ҳамроҳӣ карданд. Азбаски он солҳо дар роҳи Душанбе - Хоруғ ошхона ва меҳмонхона набуд. Ҷои хоб дар хаймаҳо ё дар болои мошинҳо буд.

Вақте ки филми бадеии «Хушбахтӣ паҳлуят»- ро соли 1978 дар ҷои сохтмони НБО «Норак» ба навор бардоштанд, мебоист рафти сохтмон, бетонрезӣ ва васлгариро дар тунел ба навор гирад. Ҳамчунин, сарбанди неругоҳро низ. Вале сармуҳандиси Неругоҳи барқи обии «Норак» Юрий Константинович иҷозат надод, ки сарбанд ва дохили тунелро ба навор гиранд. Таҳиягари филм М. Қосимова назди роҳбарони ҳизбии шаҳри Норак ва сохтмони неругоҳ даромада, розигии онҳоро гирифт.

Мавсуф дар филмҳо беҳтарин актёрҳои тоҷикро ҷалб намуда, ба онҳо имконият додааст, ки ҳунару маҳораташонро васеъ истифода баранд. Масалан, Артисткаи халқии ИҶШС Туҳфа Фозилова охирин маротиба дар филми ҳунарии «Оромӣ намешавад»-и режиссёр Б. Кимёгаров, соли 1963 се лаҳзаи эпизодӣ - Туҳфахонро бозӣ кард ва дигар касе аз таҳиягарон ин бонуи боистеъдодро барои иҷрои нақшҳо дар кино даъват накарданд. Маргарита Наимовна дар ду филми аввалаш хост, ки ин ситораи санъати театру киноро ба кори кино ҷалб намояд, аммо нақшаҳо бо ҳамдигар мувофиқ намеомад…

Ниҳоят, вақте ки Маргарита Наимовна соли 1982 ба таҳияи филми бадеии «Имрӯз ва ҳама рӯз» шурӯъ намуд, пеш аз ҳама бо Туҳфа Фозилова вохӯрда, ӯро барои иҷрои нақши Ҳоҷинисо даъват намуд. Филми нав аз рӯи сенарияи С. Саидмуродов ва Ю. Каплунов ба навор бардошта шуд ва он ба таърихи ташкилшавии аввалин театри тоҷик ва аввалин актрисазани тоҷик бахшида шудааст. Устоди саҳнаи тоҷик Туҳфа Фозилова баъди қариб 20 сол аз нав ҳунарашро дар санъати кино нишон дод.

Як иқдоми дигаре ки Маргарита Қосимова дар филми наваш амалӣ намуд, ҷалби бонувони ҳунарпеша, ветеранҳои театру кинои тоҷик буд. Инҳо Туҳфа Фозилова, сарояндаи маъруфи опера Мулук Асадуллозода Баҳор, Мушаррафа Қосимова, Маҳбуба Холиқова, Оиша Ҳаётова, Тӯтӣ Ғаффорова мебошанд, ки якҷо дар филми ҳунарии «Имрӯз ва ҳама рӯз» (соли 1982) нақшҳои кӯтоҳ, вале хотирмон офариданд.

Филми бадеии «Имрӯз ва ҳама рӯз»-и режиссёр Маргарита Қосимова соли 1989 дар Кинофестивали байналмилалии Сан-Франсиско (ИМА), ки таҳти шиори «Занҳо-ходимони кино» гузашт, соҳиби Ҷоизаи асосӣ - «Барои беҳтарин филми драматикӣ» гардид.

Артисти халқии РСС Тоҷикистон Маҳмудҷон Воҳидов соли 1977 аз дунё гузашт. Аз вафоташ се сол сипарӣ шуд, аммо касе аз ҳуҷҷатнигорони кино ӯро ба хотир наоварданд. Маводи дар дастдошта ва кам боқимондаро пайдо карда, худаш сенарияи филми ҳуҷҷатии «Умре дар роҳ» («Дорога длиною в жизнь»)-ро навишт ва ҳамчун таҳиягар соли 1979 онро ба лентаи кино бардошт.

Бо шарофати ин бонуи таҳиягар мо то ҳанӯз рақсҳои дилошӯби Ансамбли рақсии «Зебо»- ро тамошо мекунем ва ҳаловат мебарем. Бахусус, рақси машҳури «Эй санам» ҳангоми ба наворбардории филми ҳуҷҷатии «Суруди кӯҳсор» (ё худ «Зебо») соли 1980 аз диди нави таҳиягарӣ эҷод шудааст ва хеле маълуму машҳур гардида буд. Аз офаридани филми ҳуҷҷатии «Суруди кӯҳсор» зиёда аз 40 сол гузашт, аммо чун тамошо мекунем, раққосаҳои ансамбл Гулнора Ӯлмасова, Саида Файзалиева, Наталя Потехина, Лола Кенҷаева, Савригул Қурбонова ва дигарон ҷавону зебову дилрабоянд.


Акс аз интернет

Солҳои охири эҷодиёти Маргарита Қосимова хеле пурсамар ва аз ҷиҳати мавзӯъ гуногунранг гашт. Ӯ дар мавзӯъҳои муҳими рӯз филмҳои бадеии «Хушбахтӣ дар паҳлуят» (соли 1978), «Имрӯз ва ҳама рӯз» (соли 1982), «Чашмаи гӯё» (соли 1985), «Марди мутаалliқ ба ду зан» (соли 1991)-ро офарид, ки ҷанбаи миллиашон барҷаста аст. Беҳтарин ҳунарпешаҳои театру кино Гурминҷ Завқибеков, Тӯтӣ Ғаффорова, Қиматшоҳ Имматшоев, Маҳмуд Тоҳирӣ, Ҳошим Гадоев, Гулсара Абдуллоева, Ато Муҳаммадҷонов, Мушаррафа Қосимова, Гулсара Абдуллоева, Исфандиёр Ғуломов, Маҳмадалӣ Маҳмадов, Ҳошим Раҳимов, Соро Сабзалиева, Тоҷинисо Саидова, Маҳмадсаид Пиров, Маҳмадалӣ Муҳаммадиев ва дигарон ба наворбардории филмҳояш ҷалб шудаанд.

Дар жанри филмҳои ҳуҷҷатӣ низ асарҳои дар мавзӯи рӯз офарида буд, ки хеле муассир ва ҷолибанд. Масалан, филми ҳуҷҷатӣ «Заминҷунбӣ» (соли 1989), ки ба зилзилаи даҳшатноку фоҷиабори деҳаи Шароран ноҳияи Ҳисор, (23 январи соли 1989) рух дод, бахшида шудааст. Таҳиягар дар филмаш масъала мегузорад, ки аз ин фоҷиа як сол гузашт. Барои бартарафсозии оқибатҳои он чӣ чораҳо андешидаанд. Ё ки дар филми ҳуҷҷатии «Фиғон» (муаллифи сенария ва режиссёр М. Қосимова, соли 1988) ба ҳаёти кӯдакону наврасон, ки дар пахтазорҳо ба чидани «тиллои сафед» машғуланду саломатӣ ваояндаи номаълумашонро аз даст медиҳанд, бонги изтироб мезанад.

Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон аввалин режиссёрзани тоҷик Маргарита Қосимова нақшаҳои нав оид ба таҳияи филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ дар дил дошт. Аммо ҳаводиси солҳои 90 - ум имкон надоданд, ки асарҳои боз ҳам ҷолибтару тамошобоб офарад. Ҳамин сабаб гардид ва ӯ соли 1992 барои кору зиндагии минбаъда ба Ҷумҳурии Беларус кӯчид ва фаъолияташро идома дода истодааст.

- Вақте ки дар Тоҷикистони азизи ман ҷангҳои дохилӣ сар шуданд, эҷодкорон аз ҳама бештар ранҷ мекашиданд. Ҳамсабақи айёми донишҷӯиям Виктор Туров аз шаҳри Минск занг зада гуфт:

- Рита, модаратро гирифта, ба шаҳри Минск, ба назди ман, биё. Як бурда нонро тақсим мекунем. Ман бо модарам соли 1992 барои ҳамешагӣ ба Ҷумҳурии Беларус кӯчидем. Дӯстон, ҳамкасбони белорусӣ маро аз рӯзҳои аввал дастгирӣ намуданд. Дар киностудияи «Белорусфилм» филмҳои бадеии «Писар ба ҷои падар» (соли 1995), «Ҷанговари хурдакак» (соли 1998), «Зорка Венера» (соли 2000), «Соблазн» (соли 2006) ва ғайраро ба навор бардоштам.

Дар баробари офаридани филмҳои бадеӣ чун профессори Академияи санъати Беларус ба шогирдон аз таърихи кинои ҷаҳонӣ ва советӣ дарс мегӯям, аз режиссураи кино дарсу машғулиятҳо мегузаронам,- изҳор дошта буд Маргарита Қосимова.

Баъди 25 соли дур аз Ватан Маргарита Қосимоваро чун меҳмони фахрӣ ба Кинофестивали VIII байналмилалии «Дидор» (октябри соли 2018) ба шаҳри Душанбе даъват карданд. Вақте ки стюардесса аз фуруд омадани самолёт дар фурудгоҳи Душанбе ба мусофирон хабар дод, дили Маргарита Қосимова тез - тез задан гирифт. Охир баъди 25 сол ба Ватани аҷдодиаш пой ниҳод…

Вақте ки таассуроти нахустинашро аз тамошои шаҳри Душанбе ва вохӯрӣ бо дӯстону ҳампешагонаш пурсидам, бо қаноатмандӣ баён намуд:

- Агар маро аз самолёт бе роҳбалад дар маркази шаҳр мефаровარданд, гумон мекардам, ки ман дар хориҷи кишвар ҳастам. Биноҳои зебову баландошёна, кӯчаҳои васеъ, чароғон ва чун ҳарвақта тозаю пур аз гул.

Чун ба дарвозаи киностудияи «Тоҷикфилм» расидам, ашкамро дошта натавонистам. Ёди он солҳо кардам. Ҳамон дарвоза, ҳамон павилонҳои шинос, сеххо, гараж ва ҳамон бинои маъмурии чаҳорошёна. Вале саҳни киностудия чун солҳои пеш сермеҳмону сертараддуд ба чашмам нарасид. Кормандон нав, танҳо Баҳриддин Мерганов маро шинохт, вале ман ӯро нашинохтам, аз дарди чашм азият мекашад ва ба назар хеле солхӯрда менамояд.

Бо актёри «ҷавонам», иҷрокунандаи нақши Ҳасан аз филми бадеии «Тобистони соли 1943» Мирафзал Миршакаров вохӯрда, хеле шод шудам. Бо Майрам Исоева, Савринисо Сабзалиева ва Исфандиёр Ғуломов дар Театри давлатии академии драмавии ба номи Лоҳутӣ суҳбатҳои пазмонӣ ва самимӣ доштам.

Қаҳрамони филми ҳунарии «Марди мутааллиқи ду зан» Расул – Шавкат Муҳаммадиев бо як гулдастаи зебо дар толори пазироии меҳмонхонаи «Серена» маро интизор буд. Хеле саволу ҷавоб кардем. Вақте ки ӯ дар филмам нақш меофарид, ҷавон буд. Ҳоло мӯи сараш барф барин сафед шудааст.

Ғолиб Ислом аз шаҳри Москва занг зад ва хеле афсӯс хӯрд, ки дар шаҳри Душанбе нест. Миннатдории хешро барои дастгириҳояш ҳангоми ба навор бардоштани филми бадеии телевизионии «Чор нафар аз Чорсанг» изҳор намуд.

Иҷрокунандаи нақши Маҷнун - Маҳмадсаид Пиров аз филми ҳунарии «Муҳаббат баъди 100 сол» ба хабаргирии ман омад. Хурсанд шудам, ки ӯ он вақт дар вазифаи масъулиятнок - раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекард.

Дар сафари кӯтоҳ ба шаҳри Душанбе Маргарита Қосимова ҳам дар барномаҳои Кинофестивали VIII байналмилалии «Дидор» фаъол буду ҳам бо донишҷӯёни Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода (18 октябри соли 2018) дарси шогирду устодро (мастер-класс) гузаронд.

Мо - мухлисон ва ҳаводорони ин бонуи боҷасорат ва миллатдӯст ҳеҷ гоҳ заҳматҳояшро дар тарбияи ҳунарпешаҳои кино ва инкишофи филмҳои бадеӣ дар Тоҷикистон фаромӯш намекунем. Охир ӯ Марвориди кинои тоҷик аст ва ифтихор дорем, ки аввалин зан-таҳиягари кино аз Осиёи Марказӣ ҳамдиёри шуҳратманди мо, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон Маргарита Қосимова аст.

**Тиллои НЕКҚАДАМ,**
**«Садои мардум»**

**P.S. Ҳангоми чопи ин мавод сурати қаҳрамон лозим шуд. Боиси таассуф аст, ки сурати М. Қосимоваро аз байни занони дар китоби «Энсиклопедия кино Таджикистана» (Душанбе, «ЭР-граф», 2012, 396 саҳ.) ҷойдошта пайдо накардем.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412086 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири системаи гармидиҳии таҳхонаи биноӣ кафедраи анатомияи патологӣ ва кафедраи химияи биоорганикӣ дар донишгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.10.2022 16:30:00 |
| 2 | 412089 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 480 хонанда дар назди МТМУ №37-и шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 3 | 412090 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ барои 1000 хонанда дар назди МТМУ №34-и Ҷамоати шаҳраки Хистеварзи ноҳияи Б.Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 4 | 412091 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №16-и деҳаи Палдораки ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 5 | 412092 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Анавсозии осорхонаи Муассисаи давлатии вилоятии «Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои сохтмонӣ ва ороишии толори «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва толори «Дастовардҳои давраи Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») марҳилаи 2 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 6 | 412093 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Анавсозии осорхонаи Муассисаи давлатии вилоятии «Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои сохтмонӣ ва ороишии толори «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва толори «Дастовардҳои давраи Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») марҳилаи 1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 7 | 412094 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» (идомаи корҳои сохтмонии чойхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 8 | 412095 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Харидории мизу курсиҳои талабагӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Деваштич | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 08.11.2022 08:15:15 |
| 9 | 412096 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Барқарорсозии бинои маъмурии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (идомаи корҳои ороишӣ - сохтмонии ошёнаи сеюм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:35:00 |
| 10 | 412097 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгард аз километри 213-уми роҳи автомобилгарди Душанбе - Хуҷанд - Бӯстон - Чаноқ - даромадгоҳ ба Қадамҷо дар Ҷамоати деҳоти Нофароҷи шаҳри Истаравшан (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 6000 м$^2$) марҳилаи 2 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:40:00 |
| 11 | 412098 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Анавсозии осорхонаи Муассисаи давлатии вилоятии «Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои сохтмонӣ ва ороишии толори «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва толори «Дастовардҳои давраи Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») марҳилаи 3 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:45:00 |
| 12 | 412100 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таъмири бинои маъмурии Раёсати молия дар ноҳияи Деваштич (идомаи сохтмонӣ-васлнамоӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 08:50:00 |
| 13 | 412101 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Азнавсозии девори мустаҳкамкунандаи бинои Маркази бехатарии озуқаворӣи ноҳияи Муъминобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 09:00:00 |
| 14 | 412099 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Сангвор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 08.11.2022 09:00:53 |
| 15 | 412102 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Корбарӣ дар самти таҷдиди атрофи кӯчаи Хуросони шаҳри Ваҳдат (марҳилаи дуюм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 10:12:54 |
| 16 | 412069 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории толори маҷлисгоҳ, утоқҳои корӣ ва ҳудуди бинои агентӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 11:30:00 |
| 17 | 412105 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири асосии озмоишгоҳи тарафи рости бинои маркази муассиса, ошёнаи якум, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ - 139-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 11:40:40 |
| 18 | 412104 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сӯзишвории дизелӣ, гази моеъ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 08.11.2022 13:30:00 |
| 19 | 412106 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиш»-и шаҳри Душанбе | Истеҳсол ва насби тахтаҳои баннерӣ бо навиштаҷот, корҳои васлкунӣ дар рӯшноӣ аз мониторҳои LED | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 08.11.2022 13:50:00 |
| 20 | 412107 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории дохили бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 14:00:00 |
| 21 | 412108 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Роҳрави қолинӣ, ҷорӯб, аробаи сохтмонӣ, коғази офисӣ, расм дар чорчӯба, молҳои хоҷагидорӣ ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 08.11.2022 14:30:00 |
| 22 | 412109 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникии махсус»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ, мол ва асбобҳои рӯзгор, либос ва пойафзол, асбоби ошхона, канселярӣ, маводи масрафшаванда, картриҷ, подиум, байрақ, асбоби рӯшноидиҳанда, микрофон, плёнка ва печ барои гармхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 80 | 08.11.2022 14:35:00 |
| 23 | 412111 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои таълимӣ барои 144 нафар дар шаҳраки Зарнисори Ҷамоати шаҳраки Сангтӯдаи ноҳияи Данғара | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 14:40:00 |
| 24 | 412076 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бензини тамғаи «АИ-92» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.11.2022 15:00:00 |
| 25 | 412074 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Бланк, варақа, корт, китоби бақайдгирӣ, купон ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 08.11.2022 15:05:40 |
| 26 | 412075 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроки хушк барои сагҳои хизматӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.11.2022 15:27:50 |
| 27 | 412112 | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | Таъмири толори маҷлисгоҳи филиал | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 15:30:00 |
| 28 | 412077 | Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ, канселярӣ, барқӣ, масрафӣ ва насосҳои обкашӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 08.11.2022 15:50:00 |
| 29 | 412078 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №20»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 08.11.2022 16:15:15 |
| 30 | 412079 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳри Гулистон | Таъмир ва барқарорсозии ҳуҷраи рентген дар «КАТС»-и шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 16:15:15 |
| 31 | 412080 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №9»- ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 08.11.2022 16:15:15 |
| 32 | 412081 | Ҷамоати деҳоти «Ким»-и шаҳри Исфара | Таъмири дохили бинои Ҷамоати «Нурафшон»- шаҳри Исфара | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.11.2022 16:15:15 |
| 33 | 412082 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №2»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 08.11.2022 16:15:15 |
| 34 | 412083 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №141-и шаҳри Ҳисор | Телевизор, курсӣ ва роҳаткурсии нишаст барои толор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 08.11.2022 16:15:48 |
| 35 | 412087 | Шуъбаи минтақавии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Лавозимоти гуногуни ошхона, доруҳои минералӣ, либоси махсус ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 08.11.2022 16:30:00 |
| 36 | 412088 | Шуъбаи минтақавии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ ва қисмҳои эҳтиётии автомошина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 08.11.2022 16:30:00 |
| 37 | 412084 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, маводи масрафӣ, ноқил, аккумулятор ва қисмҳои компютер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 91 | 08.11.2022 16:30:18 |
| 38 | 412072 | Беморхонаи маркази шаҳри Ҳисор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 08.11.2022 16:40:30 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект по «Раннему развитию детей для наращивания человеческого капитала в Таджикистане» финансируемый Всемирным банком**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на отбор по позициям:**

**Специалиста по связям с общественностью и коммуникациям**

Задача - Специалист по связям с общественностью и коммуникациям (PR-менеджер) будет оказывать помощь Министерству финансов в реализации соответствующего компонента Проекта через ГРП и в освещении всех мероприятий и результатов Проекта в широком спектре средств массовой информации, таких как телевидение, газеты и радио; также будет использовать комплексную коммуникационную и информационно-просветительскую кампанию в социальных сетях для наилучшего охвата целевых аудиторий через сообщения о проектной деятельности на местах. Помощь в проведении общественных слушаний в рамках Проекта по социальным и экологическим вопросам

• Высшее образование в области экономики, делового администрирования, права, естественных наук, прикладных наук, инженерно-строительных или математических наук;

• Высшее образование в области журналистики, здравоохранения, педагогики, социальных наук, коммуникаций или других смежных областях; степень магистра в области журналистики, изменения поведения, коммуникаций, маркетинга, социальных наук является преимуществом.

• Не менее пяти (5) лет профессионального опыта работы в сфере СМИ, связей с общественностью и реализации PR-стратегий в области/секторах здравоохранения и/или образования;

• Отличные навыки письма и общения, подтвержденные несколькими статьями, опубликованными кандидатом;

• Опыт и знание коммуникационных платформ, таких как социальные сети, печатные СМИ, телевидение и радиоканалы;

• Навыки и опыт в подготовке, координации и организации PR-кампаний, медиапланировании, налаживании отношений с общественностью, решении критических социальных вопросов, эффективном консультировании общественности, подтвержденные перечнем этих видов деятельности кандидата;

• Креативность и навыки межличностного общения будут преимуществом;

• Компьютерные навыки (весь пакет Microsoft), умение работать с различными веб-сайтами, а также некоторые знания в области веб-дизайна, фотографии и видеосъемки;

• Свободное владение таджикским и русским языками; знание английского языка является преимуществом.

https://cloud.mail.ru/public/Mjjn/ajYmK6f3T

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Директора Проекта Маджиди Ю. Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов - 31 октября 2022 г.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

**734025 Республика Таджикистан,**
**ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj**
**Тел: (37) 221 06 91**

**Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо**

На основании проверки резюме отобранные и включенные в короткий список кандидаты будут проинформированы о результатах проверки в течение 10 рабочих дней с момента окончания срока подачи пакетов заявок. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ОБЩЕСТВЕННАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ «ДЕТИ, БЕЖЕНЦЫ И УЯЗВИМЫЕ ГРАЖДАНЕ» RCVC ОБЪЯВЛЯЕТ КОНКУРС НА СЛЕДУЮЩИЕ ВАКАНТНЫЕ ДОЛЖНОСТИ:

**Название позиции:** Главный бухгалтер

**Последний срок подачи заявки:** 31 октября 2022 года

**Место работы:** город Душанбе.

**Основные требования:**

• Высшее образование в области бухгалтерского учета или смежных областях;

• Умение работать 1С бухгалтерией;

• Развитое аналитическое мышление;

• Способность быстро учиться;

• Свободное знание таджикского и русского языков (устно, письменно); Знание английского языка предпочтительно;

• Опыт работы в международных проектах и грантовых программах;

• Хорошие коммуникативные способности и умение работать в коллективе;

• Высокий уровень мотивации, креативность;

• Умение работать в стрессовых ситуациях и в условиях ограниченного времени.

**Должностные обязанности**

В соответствии с мандатом RCVC Главный бухгалтер должен работать по прямым руководством директора организации и выполнять следующие обязанности.

• Отвечать за финансовые расходы проекта;

• Прослеживать расходы по линиям и еженедельно информировать руководителя;

• Строго осуществлять любые расходы на основе заявок и ваучеров, предварительно обсуждённых и подписанных руководителем;

• Вести контроль и учёт банковских документов; все документы должны быть прикреплены в больших папках (файлах);

• Вести постоянные записи расходов в кассовой книге;

• Заполнять чеки для снятия денег в банке;

• Составлять акты и готовить приказы;

• Предоставлять ежемесячный отчёт, а также квартальный и годовой.

**Название позиции:** Специалист по информационным технологиям

**Последний срок подачи заявки:** 31 октября 2022 года

**Место работы:** город Душанбе, с выездами в городе Вахдат и район Рудаки.

**Основные требования:**

• Высшее образование в области информационных технологий, компьютерных наук или смежных областях;

• Развитое аналитическое мышление;

• Способность быстро учиться;

• Свободное знание таджикского и русского языков (устно, письменно); Знание английского языка предпочтительно;

• Опыт работы в международных проектах и грантовых программах;

• Хорошие коммуникативные способности и умение работать в коллективе;

• Высокий уровень мотивации, креативность;

• Умение работать в стрессовых ситуациях и в условиях ограниченного времени.

**Должностные обязанности:**

В соответствии с мандатом RCVC Специалист по информационным технологиям должен работать по прямым руководством менеджера организации и выполнять следующие обязанности:

• Отвечать за все ИТ-операции организации, включая настройку и обслуживание ИТ-систем, а также обеспечение аппаратной

• Обслуживание существующих ПК в соответствии со стандартами, определенными путем обновления, новых установок и выполнения рутинных процедур;

• Содействовать составлению технической документации, руководящих принципов и процедур организации и обеспечить их распространение среди пользователей;

• Оказание помощи в приобретении ИТ-оборудования и программного обеспечения;

• Нести ответственность за сохранность технического оборудования организации;

• Следить за использованием и бесперебойным подключением интернета;

• Проводить и принимать активное участие в мероприятиях организации;

• Своевременно предоставлять все виды отчетов руководству.

**Название позиции:** Преподаватель /Инструктор, по компьютерной грамотности в СТА

**Последний срок подачи заявки:** 31 октября 2022 года

**Место работы:** город Душанбе

**Основные требования:**

• Высшее или среднее образование в области информационных технологий , компьютерных наук;

• Развитое аналитическое мышление;

• Способность быстро учиться;

• Свободное знание таджикского и русского языков (устно, письменно); Знание английского языка предпочтительно;

• Опыт работы в учреждениях среднего общего и/или дополнительного образования является преимуществом;

• Хорошие коммуникативные способности и умение работать в коллективе;

• Высокий уровень мотивации, креативность;

• Умение работать в стрессовых ситуациях и в условиях ограниченного времени.

**Должностные обязанности:**

В соответствии с мандатом RCVC Преподаватель/Инструктор, по компьютерной грамотности должен работать по прямым руководством менеджера организации и выполнять следующие обязанности.

• Осуществляет обучение и воспитание обучающихся с учетом специфики преподаваемого предмета, проводит уроки и другие занятия в соответствии с расписанием в указанных помещениях;

• Учитель обязан иметь тематический план работы по предмету в каждой параллели классов и рабочий план на каждый урок;

• В своей работе по предмету использует разнообразные приемы, методы и средства обучения. Реализует образовательные программы. Может переставлять по своему усмотрению темы уроков в отдельных разделах программы. Проводит с учащимися установленное учебным планом количество контрольных и практических работ;

• Проводить и принимать активное участие в мероприятиях организации;

• Своевременно предоставлять все виды отчетов руководству.

**Название позиции:** Преподаватель кириллицы / русского языка в СТА

**Последний срок подачи заявки:** 31 октября 2022 года

**Место работы:** город Душанбе

**Основные требования:**

• Высшее или среднее профессиональное образование;

• Способность быстро учиться;

• Свободное знание русского и таджикского языков (устно, письменно);

• Опыт работы в учреждениях среднего общего и/или дополнительного образования является преимуществом;

• Хорошие коммуникативные способности и умение работать в коллективе;

• Высокий уровень мотивации, креативность;

• Умение работать в стрессовых ситуациях и в условиях ограниченного времени.

**Должностные обязанности:**

В соответствии с мандатом RCVC Преподаватель кириллицы / русского языка, должен работать по прямым руководством менеджера организации и выполнять следующие обязанности.

• Осуществляет обучение и воспитание обучающихся с учетом специфики преподаваемого предмета, проводит уроки и другие занятия в соответствии с расписанием в указанных помещениях;

• Учитель обязан иметь тематический план работы по предмету в каждой параллели классов и рабочий план на каждый урок;

• В своей работе по предмету использует разнообразные приемы, методы и средства обучения. Реализует образовательные программы. Может переставлять по своему усмотрению темы уроков в отдельных разделах программы. Проводит с учащимися установленное учебным планом количество контрольных и практических работ;

• Проводить и принимать активное участие в мероприятиях организации;

• Своевременно предоставлять все виды отчетов руководству.

**Условия проведения конкурса и контакты**

Перечень документов для подачи заявки:
Резюме (CV);

1) документы подаются в соответствии со сроками, указанными в объявлении;

2) документы направляются в электронном виде на адрес электронной почты: karimov.iftikhor@gmail.com с копией на почту rcvc.livelihoods@gmail.com с пометкой: «Главный бухгалтер»;

«Специалист по информационным технологиям»;

«Преподаватель /Инструктор по компьютерной грамотности в СТА» или

«Преподаватель кириллицы / русского языка в СТА»

3) документы, полученные после даты окончания сроков приема, рассмотрению не подлежат;

4) победитель конкурса определяется на заседании конкурсной комиссии в два этапа:

• I этап – рассмотрение документов, поданных кандидатами, на соответствие конкурсной документации, определение допущенных кандидатов и их рейтинга;

• II этап – собеседование.

5) оценка конкурсной комиссией осуществляется на соответствие требованиям конкурсной документации, а также по результатам собеседования;

6) ОО RCVC оставляет за собой право потребовать от кандидатов дополнительные материалы или сведения, подтверждающие информацию, указанную в документах, поданных кандидатами;

7) ОО RCVC оставляет за собой право прекратить проведение конкурса и отказаться от всех конкурсных предложений, не неся при этом никакой ответственности перед участниками конкурса.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## Ремонт существующих ДС

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на ремонт существующих ДС.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 4 – Ремонт существующих ДС район Кубодиён**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с $9^{00}$ до $15^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до $15^{00}$, 31 октября 2022 года.

**Министерство финансов Республики Таджикистан, ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе (Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**

**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj**

**Тел: (37) 221-06-91.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии кооперативи тиҷоратии «Баҳодур и КО»-и гумшуда бо РМА 360000620, РЯМ 3610002184, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷайҳун соли 2017 додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи азнавбақайдгирии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи Ва № 0014022-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти қайди 284 «А» санаи 9 ноябри соли 2007 ба Ташкилоти ҷамъиятии «Бузургмеҳр» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк таҳти рақами 360-и гумшуда, ки онро Ҳукумати шаҳри Ҳисор 29 майи соли 2008 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақо, деҳаи Афғонобод ба ҶСП «Корпоратсияи Баракат» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ таҳти рақами 14034-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақоҳ, деҳаи Афғонобод 27 марти соли 2008 ба ҶСП «Коорпоратсияи Баракат» додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии №250547-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1986 ба Дододжонова Лола Баҳодуровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи СТ-1, №377273-и гумшуда, ки онро Техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе (ҳоло Коллеҷи техникӣ) соли 1993 ба Холмуродов Абдуқодир Ҷайлович додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии тамғаи «ОКА ПФ» бо №00028866-и гумшуда, ки онро Идораи нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба директори қаҳвахонаи «Дона» Набиев Баҳодур Расулҷонович - РМА 0230055146 додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Ҳисор соли 2011 ба Ниёзов Қурбоналӣ Раҷабович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Бузургмеҳр», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи азнавбақайдгирии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи Ва №0014022 буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 284 «А» санаи 9 ноябри соли 2007 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 19 октябри соли 2022, соати 15:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха*

Навбатдори шумора
Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров